# ТАҚРИЗ

роҳбари доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қудратов Р.Р. оид ба диссертатсияи Акрамова Бибималика Акбаровна дар мавзуи «Идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси– 6D050700 – Менеҷмент (6D050704 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) пешниҳод шудааст.

Акрамова Бибималика Акбаровна соли 1990 дар ш. Ваҳдат дар оилаи зиёӣ таваллуд шудааст. Соли 2008 баъди хатми мактаби миёна ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети «иқтисод ва идора», аз рӯи ихтисоси менеҷменти ташкилот дохил шуда, онро соли 2012 дар дараҷаи бакалавр ва соли 2014 дар дараҷаи магистр хатм намудааст. Соли 2017 барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 –Менеҷмент дохил шуда, онро соли 2020 бо муваффақият хатм намудааст.

Мавзуи дисссертатсияи илмии Акрамова Бибималика Акбаровна «Идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» дар ҷаласаи шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст.

Докторант (PhD) усулҳои ҳозиразамони риёзӣ ва таҳлилии таҳқиқи иқтисод ва истифодаи онҳоро дар рафти корҳои илмӣ таҳқиқотӣ хеле хуб аз худ намудааст.

Докторант (PhD) аз натиҷаҳои таҳқиқотӣ илмӣ нисбат ба мавзуъи номбаршуда 11- мақолаи илмӣ чоп намудааст, ки 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Акрамова Б.А. худро ҳамчунин таҳқиқотчии тахассуснок бо донишҳои баланди назариявӣ дар соҳаи идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ нишон додааст.

Мавзуи диссертатсияи муалиф мазмуни баланди илмӣ ва амалӣ дошта, ба таҳқиқи масъалаҳои равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Нисбатан васеътар дар диссертатсия асоснокунии интихоби мавзуъ, мубрамияти он, аҳамияти назариявӣ ва амалии он, муайянсозии навгонии илмии таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқотро дар бар гирифтаанд.

Дар боби якуми кори диссертатсионӣ асосҳои назариявию методологии идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоврзӣ, таҳаввули назария ва равишҳои таҳқиқи раванди такрористхсол дар корхонаҳои кишоварзӣ, усулҳо ва моделҳои идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ, таҷрибаи хориҷии идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ баррасӣ карда шудааст.

Дар боби дуюми кори диссертатсионӣ таҳлили ҳолати муосир ва арзёбии низоми идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳолати муосир ва динамикаи истеҳсолоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, арзёбии ҳолати такрористеҳсол ва низоми идоракунии он дар корхонаҳои кишоварзӣ ва ташаккули модели идоракунии такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ таҳлил карда шудааст.

Дар боби сеюми кори диссертатсионӣ самтҳои асосии такмили низоми идоракунии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон такмили сиёсати такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар корхонаҳои бахши аграрии иқтисодиёт, такмили низоми идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар асоси тақвияти фаъолияти инноватсионӣ ва самтҳои афзалиятноки такмили доракунии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ асоснок ва пешниҳод карда шудаанд.

Дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои назариявию методологии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ, муаллиф исбот намудааст, ки дар марҳилаи муосир такрористеҳсол на танҳо такроршавии раванди муайян, балки ҷараёни интенсивии ба татбиқи ҳамаҷонибаи инноватсияҳо алоқаманд мебошад.

Диссертант ҳангоми тадқиқи мавзуи мазкур таваҷҷуҳи хоссаро ба асосноканмои самтҳои асосии такмили идоракунии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ равона намуда, пешниҳод менамояд, ки амалигардонии раванди такрористеҳсол бояд тавассути истифодабарии дастовардҳои инноватсионӣ такягоҳӣ ва такмилӣ бо назардошти баландбардории сатҳи касбияти кормандони соҳаи кишоварзӣ, усулҳои илман асосноки пешбурди соҳа ва сохтори оқилонаи ҷойгиркунии соҳавӣ ва ҳудудии истеҳсолоти кишоварзӣ ба роҳ монда шавад.

Дарёфтҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии дар диссертатсия ҷойдошта, натиҷаҳо дарки назариявӣ ва таҷрибаи амалии муалиф мебошад.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои бадастовардаи Акрамова Б.А. оид ба мавзуи «Идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» истифода бурда шаванд баъзе аз хулосаҳои муаллиф то ба сатҳи тавсияҳои конкретӣ расонида шудаанд, ки метавонанд ба сифати таклиф барои такмил додани равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзии Тоҷикистон истифода бурда шаванд.

Мазмунан, мундариҷа ва сифати таҳияи кори диссертатсионӣ ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ихтисоси илмии 6D050700-Менеҷмент (6D050704-Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мувофиқат намуда ва муаллифи он Акрамова Бибималика Акбаровна, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент

(6D050704 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мувофиқат мекунад.

Кори диссертатсионии Акрамова Б.А. барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-17 назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон тавсия дода мешавад.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қудратов Р.Р. (Раҳматзода Р.)

Имзои Қудратов Р.Р. (Раҳматзода Р.)-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси МН МОҶТ Сафарзода Ф.С.

3.01.2024